Шарифзода Файзулло

# ДОКТРИНАИ ТАҲСИЛОТИ НАСЛИ БОМАЪРИФАТИ ОЯНДАСОЗ



Kitob quyidagi ko'rsatilgan muddatda topshirilishi shart

| Oldingi foydalanishlar miqdori | |
| --- | --- |
| | |


Шарифзода Файзулло

# ДОКТРИНАИ ТАҲСИЛОТИ НАСЛИ БОМАЪРИФАТИ ОЯНДАСОЗ

ДУШАНБЕ 2022

ББК 74.00 Ш - 42

Муаллиф
**Шарифзода Файзулло**

Муҳаррир
**Сайфиддин Камолзода**

*Муаллиф дар ин китоб исбот карданист, ки мавқеи пешбарандаи мазмуни таҳсилот дар таълими донишомӯзон бояд аз синфи аввал то хатми муассисаи таҳсилоти умумӣ ва минбаъд омӯхтани фикр кардан бошад: аз бедории фикр, омӯзиши мустақилона то маҳсули эҷодӣ.*

*Китоб ба ихтиёри пажӯҳишгарон, олимон, аспиранту унвонҷӯён, омӯзгорону донишҷӯён ва ҳаводорони илми педагогика манзур мегардад.*

ISBN 978-99975-330-6-7 Шарифзода Ф. 2022

# ДОКТРИНАИ ТАҲСИЛОТИ НАСЛИ БОМАЪРИФАТИ ОЯНДАСОЗ

Дар тӯли сӣ соли Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, дар партави эъломияи афзалиятмандии соҳаи маориф, дар низоми таҳсилоти кишвар таҳаввулоту тағйироти ҷиддӣ ба миён омад, ки рушди бемайлони ин соҳаи ояндасози ҷомеаро таъмин хоҳад кард. Қабул ва таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъдидипломӣ», «Консепсияи маълумоти миллӣ», «Стандарти давлатии маълумот», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон кардани солҳои 2020-2040» (аз 30-юми июли 2020, №47) ва санадҳои дигари муҳими меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, ки ба беҳбуди таълиму ташаккули шахсият, ба рушди мутаносиб ва босуботи насли наврас нигаронида шудаанд, пояи устувори илмӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мактабдории Тоҷикистонро гузоштаанд. Иҷрои талаботи ин санадҳои муҳимму калидӣ имконият фароҳам меорад, ки Тоҷикистон эъмори маорифи навини худро дар асоси илму фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ, бо ба эътибор гирифтани суннатҳои миллӣ ва дар ҳамкорӣ бо дӯстону хайрхоҳони ростин (манзур созмонҳои иртиботманди соҳаи маорифи созмонҳои байналмилалӣ) ба сомон расонад. Дар ин росто, дар қатори силсилаи вазифаҳои давлатсозӣ, мақом ва ҷойгоҳи хоса доштани соҳибихтиёрии маорифу мактаби миллӣ мунтазам аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда мешавад: *«Дар соҳаи маориф, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати*



DENOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM
№ 2261

*иҷтимоии давлат маҳсуб меёбад, стандартҳои асосноку кафолатноки таҳсилот, ҳамзамон қонунҳои танзимкунандаи соҳаро таҷдиди назар намудан зарур аст»*[1].

Диққати махсус зоҳир намудан ба таҳия ва таҷдиди ҳуҷҷату санадҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии соҳаи маориф, маънои таъмини заминаҳои маорифу мактабдории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад. Дар чунин азми худ Сарвари кишвар ҳадаферо пайгирӣ мекунанд, ки рушди маънавии минбаъдаи соҳибихтиёрии давлат ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии он, бахусус, ба эъмори низоми нави таҳсилот вобаста аст, зеро маърифатмандӣ ва рушди зеҳнию фикрии шахсият, саломатии рӯҳӣ, гуногунҷанбагӣ ва инкишофи мутаносиб, фарохназарӣ талош ва ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ, маҳорату қобилияти ҳалли вазифаҳои мураккаб ва дар айни ҳол муҳим, маънавиёти воло, меҳнатқаринӣ, инсондӯстӣ ва ватандӯстии содиқонаро барои ӯ маҳз таҳсилоти муназзам ва муташаккили давлатӣ муҳайё карда метавонад. Бояд таъкид кард, ки дар низоми таҳсилоти давлатӣ, дахолати бегонагон, аз онҳо кӯчонидани ин низом, хусусан, мазмуни таҳсилот ва таълиму тарбия бидуни заминаҳои илмӣ-назариявӣ ва озмоишҳои ҷиддии ба шароити иҷтимоӣ созгор, ба эътибор нагирифтани суннату анъанаҳои хонаводагӣ, арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва манфиатҳои давлатӣ ва миллӣ қатъиян қобили пазируфтан нест.

Дар маҷмӯъ, қатъи назар кардани омилҳои номбурда мувофиқи талаботи истиқлоли соҳаи маориф, ҳувият (менталитет)-и миллӣ, рушди зеҳнӣ ва такомулу таҳаввули тафаккури миллӣ буда наметавонад, зеро ин арзишҳоро чунин муносибати номатлуб на рушд, балки тадриҷан ва ноаён коҳиш медиҳад ва аз байн мебарад. Ба ин паёмади номатлуби дахолати бегонагон академик Б. С. Гершунский огоҳона ишора намуда, зикр намудааст: «Таъкид мекунем, ки ба ҳеҷ ваҷҳ кӯшиши

DENOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM №



дахолат ба ҳувияти миллӣ, ба хотири ин ё он тағйироти сират наметавонад аз берун ба таври иҷборӣ, бо ёрии методҳои зӯроварӣ ва пахши чи озодии шахсият ва чӣ (умуман) ҳувияти миллӣ анҷом дода шавад».

Дар солҳои соҳибистиқлоли соҳаи афзалиятнок эълон шудани маориф, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аксари суханрониҳои худ, бахусус, дар паёмҳои ҳарсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муваффақият ва камбудиҳои соҳаи маорифро ошкоро хотиррасон ва таҳлил мекунанд ва барои беҳбуди фаъолияти масъулини соҳа, олимон, мураббиён ва омӯзгорон маслиҳат ва дастурҳои арзишманд ироа менамоянд: «Мо, пеш аз ҳама, бояд барои рушди қобилияти зеҳнии кӯдакон шароити мусоид фароҳам созем»[3].

Воқеан, дар илмҳои педагогӣ рушду нумуи зеҳнӣ ва фикрии на танҳо кӯдакон, балки ҳамчунон наврасон, навҷавонон ва ҷавонон дар раванди таълим дар ҳама гуна муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва минбаъд, ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа ва афзалиятманд шинохта ва таҳқиқ мешавад, зеро ягон фаъолияти инсон, қабл аз ҳама, фаъолияти таълимӣ, ки аз дигар фаъолияти инсон мураккабтар аст, бе фикр ва таҳлил анҷом дода намешавад. Бинобар ин, рушди фикр ва дар заминаи он, рушди зеҳнии хонанда ва донишҷӯ дар раванди таълиму тарбия ҳамчун мақсаду вазифаи пешбарандаи ташаккули бедории фикрӣ, солим, бомантиқ, ҷустуҷӯӣ, таҳлилӣ, мустақилона ва эҷодӣ бояд дар мадди аввал гузошта ва ҳал карда шавад. Дар ин ҳолат шахсият ва хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилотӣ соҳиби тафаккури комилу пешрафта шуда, дорои қобилияти дар муддати муайяншуда аз худ кардани ҳаҷми босифату ҳадди аксари донишҳои илмӣ ва амалӣ мешаванд ва ҳамзамон, соҳиби қобилияти истифодаи ҳадафмандонаи ин донишҳоро ба даст меоранд.

Калиди рафъи ҳама гуна камбудиҳои омӯзиш, камсифатӣ ва рӯякӣ будани он, маҳз дар ҳалли ҳамин масъалаи «назарногир», яъне дар ташкили раванди фикр ва рушди тафаккур ниҳон аст. Мутаассифона, бояд иқрор шуд, ки дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилотӣ ва аксарияти омӯзгорон солиёни тӯлонист, ки ба ташкили раванди фаъолияти фикрии хонандагон ва донишҷӯён кам андар кам рӯ оварда мешавад. Ин вокеият гуфтаҳои хирадмандонаи Абдулқодири Бедилро ба ёд меоварад:

*Ба тадбир ҳайрон чу фикри муҳол,*
*Зи таъбир маҳрум, чун хоби лол [4].*

Ҳол он ки барои рушди муносиб (ҳаматарафа)-и фикри инсон омӯзгор ба асбобу воситаҳои техникии ҳозиразамон, «маслиҳатҳои арзишманд» ва заифасоси бегонагон эҳтиёҷ надорад. Ин «асбобу дастгоҳҳо» майнаи сари хонанда ва донишҷӯ буда, аз ягон чунин «дастгоҳҳои» миллату халқиятҳои кишварҳои дигар кам нест. Фақат дигар «миллатҳои ғайриодӣ» иқтидори эҳтимолии мағзи сарро фаъолонатар ва боисрортар ба кор меандозанд. Инҷониб боварии комил дорад, ки барои ноил гаштан ба ташаккули насли бомаърифат ва оянласози тоҷик, ҳар як омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ комилан қодир аст. Чӣ тавр? Аз тариқи тадбир ва фаъолиятҳои одии мушоҳида ва муқоисаҳои одитарини ашё, ҳодисоту воқеоти муҳити атроф, ёфтани монандӣ, фарқ, бартарӣ ё камбудии сифату имкониятҳои «кашфшуда», таҳлил ва хулосабарорӣ дар ҳар дарсу машғулиятҳои таълимӣ сар карда, аз мураккабтар кардан дар зинаҳои болоии таълим, ки ба талош ва қудрати навоварии омӯзгор вобаста аст. Ин тадбиру фаъолиятҳои «назарногир», ки барои шогирд шавқангез роҳандозӣ мешаванд, тадриҷан иқтидори эҳтимолии мағзи сар,



зеҳн ва фикрро неру ва тавоноӣ мебахшанд. Ва минбаъд хонанда ё донишҷӯ дар ҳар фаъолияти амалии фикрие, ки анҷом медиҳад, шахсан ихтиёран (табиӣ) ва бемамониат ҳамон «асбоби азалӣ» - мағзи сар, шуур ва фикрашро бомақсад ба кор меандозад. Дар натиҷаи чунин тарзи корбарӣ, ки ҳеҷ душвории казоие надорад, хонанда ва донишҷӯ ҳамаи фаъолияташро бошуурона ва огоҳмандона анҷом медиҳад ва тадриҷан дар тӯли 11 соли таҳсилот ва 4-5 соли таҳсилоти миёна ва олии касбӣ соҳиби тафаккури мукаммал ва эҷодӣ хоҳад шуд. Чунин натиҷа ба ибораи нав, «сифати таълим» ва «сифати дониш»-ро таъмин хоҳад кард.

Дар силсилаи илмҳои педагогӣ ва равоншиносии педагогӣ зери мафҳуми зеҳн, қобилияти шахсии иҷро карда тавонистани супоришҳои маърифатӣ, ҳалли босамари мушкилоти пешомада, аз ҷумла, иҷрои силсилаи вазифаҳои амалӣ фаҳмида мешавад, ки дар натиҷа «қобилияти хонандагон, рушди малакаи меҳнати фикриро метезонад» [5].

Дар ҳаёти ҳамарӯза зеҳн бо ибора ва калимаҳои *«зеҳни тез», «зеҳни кунд», («кундзеҳн»), «зеҳни комил», «зеҳни қавӣ», «хушзеҳн»* тавсиф карда мешавад. Ин сифатҳои зеҳн дар раванди рушди таърихии худ инсонро соҳиби фикри комил карда, ӯро ба иҷтимоъ табдил дод ва тадриҷан бунёдгузори тамаддуни башарият гардонд.

Зеҳни инсон (шахс) ҳамчун неруи маърифаткунанда дар такя ба чунин қобилиятҳо ташаккул меёбад ва омилҳои зеринро ҳал мекунад: банизомдарории донишҳо, таҳлил ва тавсифи онҳо, ёфтани робитаҳо, қонуният, ки ҳама ба тавассути фикр, фикри бедор, солим, мантиқӣ, мустақилона ва эҷодӣ анҷом дода мешавад.

Сифатҳои нисбатан барҷастаи зеҳни шахсият инҳоянд: кунҷковӣ, ҷӯяндагӣ ва амиқии ақл, муҳаррикӣ, мантиқӣ ва исботкунандагӣ.

Кунҷковӣ ё ҷӯяндагӣ - талоши шахсият ба хотири фаҳмиши ҳаматарафаи ин ё он чиз ва асрори мафҳуми ашё мебошад. Ин сифати зеҳн ба ақл такя карда, заминаи фаъолияти муназзаму пайёпай (беист)-ро мегузорад.

Муҳаррики (дар ҳаракат будан)-и зеҳн, қобилияти истифодаи таҷрибаи мавҷуда, таҳқиқи фаврии ашё ва ҳодисоти олами воқеӣ дар равобити нав ва шикастани тафаккури қолабӣ, ба шумор меравад.

Тафаккури мантиқӣ аз пайдарҳамӣ (муназзамӣ)-и ҷиддии муҳокимаҳо, ба назар гирифтани ҳама тарафҳои шамъи таҳқиқшаванда (омӯхташаванда), тамоми равобити имконпазири он иборат аст.

Неруи фикрро қобилияти босуръати муайян ва дар лаҳзаи зарурӣ дуруст истифода карда тавонистани далелу қонуниятҳо таъмин мекунад.

Зеҳн ва фикр бо ҳамдигар муттако бошанд ҳам, ба маънии муайян баъзан аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва баъзан ба ҳамдигар муродифанд. Зеҳн қобилияти фаҳмида тавонистан ё тавонмандии фаҳмиш мебошад, фаҳмидан бошад, бе заҳмату фаъолияти фикрӣ имкон надорад. Зеҳн на танҳо фаъолияти маърифатӣ, ки тавассути фикр анҷом меёбад, балки тартиби дар ин фаъолият ба кор андохтани фикрро дар назар дорад, яъне зеҳн ҳамчун асбоб ё сомонолот (механизм)-и идоракунандаи кори фикр аст.

Дониш, ки сирф бо ёрии фикр ба даст меояд, поягузори рушди зеҳн мебошад ва миёни онҳо равобити диалектикӣ ҳамчун натиҷа ё маҳсули раванди фикр вуҷуд дорад.

Аз як сӯ, дониш натиҷаи фаъолияти фикрию маърифатӣ аст, аз сӯи дигар, дониш ба фаъолияти инсон ворид шуда ҳамчун унсури зеҳн зуҳур мекунад. Дар раванди азхудкунии низоми донишҳои одӣ дар инсон фикр (тафаккур)-и бонизом ташаккулёфта, ба



василаи заминаи устувори азхудкунии донишҳои мураккабтар хизмат мекунад.

Дар фаъолияти таълимию маърифатӣ зуҳури неруи зеҳнии шахсият истифодаи малакаҳои зеҳниеро дар назар дорад, ки зимни амалиёту фаъолияти фикрии инсон, хонандагону донишҷӯён ба миён омадаанд ва маҳз амалҳои фаъолонаи фикрӣ, сатҳи ташаккули зеҳнии донишомӯзонро ба сифати донишҳои гирифтаи онҳо муайян мекунанд.

Сатҳи неруи зеҳнии шахсиятро асосан метавон ба ду қисм ҷудо кард:

*1. Фазилат* - бартариест, ки дар фаҳмиши илмӣ ва ҳаҷми донишҳои азхудкардашудаи шахсият ҳувайдо мешавад.

*2. Рушди зеҳн* дар раванди қобилияти истифодаи донишҳои азхудкардашуда ба амал меояд.

Ҷанбаи зеҳнии шахсият зимни фаъолиятҳои зерини фикрӣ ташаккул меёбад: маърифатӣ, банақшагирии он, амалиёти маърифатӣ, кор бо сарчашмаҳои дониш.

Рушди зеҳн дар хонавода шуруъ шуда, дар синни хурди мактабӣ нисбатан шиддат сурат мегирад ва дар ин кор нақши тафаккур пешбаранда буда, қобилияти фаҳмиши амиқи асли ҳодисоту воқеот, сабабҳои ба миён омадан ва «кашфи» онҳоро дар амал фаро мегирад.

Рушди зеҳн ба равандҳои равонӣ (психикӣ)-и ҳис, дарк, диққат, хотир, хаёл, тасаввур ва нутқ вобаста аст. Дар навбати худ инкишофи фикр (тафаккур) ба тағйирёбии сифати дарк, ба фаҳмиш ва хотир вобаста буда, ҳам ба равандҳои идорашаванда ва ҳам ба равандҳои озод (ихтиёрӣ)-и маърифат оварда мерасонад.

Олимони равоншинос ва муҳаққиқони соҳаи педагогика дар натиҷаи мушоҳидаҳо, таҳқиқ ва озмоишҳои тӯлонӣ ба чунин хулоса расидаанд, ки яке

аз вазифаҳои муҳимтарини инкишофи умумии инсон ва ташаккули шахсияти ӯ рушди фикр аст. Маҳз дар натиҷаи рушди мунтазам ва мутаносиб (ҳаматарафа)-и фикр қобилиятҳои зеҳнии инсон такомул ва ташаккул меёбанд.

Фикр кори мустақилонаи шуур буда, ба хотири расидан ба натиҷаҳои дилхоҳи фаъолият анҷом дода мешавад. Фаъолияти мақсаднок бошад, бунёдгузори раванди фикр, амал, муайянкунанда ва идоракунандаи самтҳои фикр ё қобилияти фикрронӣ аст. Бунёд ё заминаи фикр, инчунин, аз донишҳо (тасаввурот оид ба чизе ва равобити миёни ин тасаввурот) ва мантиқ (қоидаи коркарди донишҳо ва ахбори ба ихтиёри зеҳн воридшаванда) иборат аст. [7].

Дар ҳолати муҳайё кардани низоми аз ҷиҳати илмӣ асосноки ташкили фаъолияти фикрӣ, инсон ногузир одитарин ва тадриҷан мушкилтарин асрори фикр кардан ва таҳлили фикриро барои худ кашф мекунад. Дар натиҷа донишомӯз ҳалли масъалаҳои таълимиро зимни истифодаи иқтидори эҳтимолии неруи фикр бе мушкилоти шадид, вале бо бартарафсозии мушкилоти нисбӣ мефаҳмад ва ҳал мекунад.

Дар илмҳои педагогӣ кайҳо маълум аст, ки дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ мушкилоти муайян ё худ монеа бояд ҷой дошта бошад, вагарна бидуни бартарафсозии мушкилот, раванди омӯзиш «дар як ҷой пой задан» аст. Тавре ки олими тавонманди рус Л. С. Виготский фармудааст: «Инкишоф дар минтиқаи наздиктарини мушкилот *сурат* мегирад... Минтиқаи наздиктарини инкишоф вазифаҳои ҳанӯз пухта нарасида, вале дар ҷараёни пухтан карордоштаро муайян мекунад, ки фардо хоҳад пухт ва феълан дар ҳолати дунбул (нимпухта) қарор дорад. Иҷрои вазифаҳоро ҳанӯз наметавон меваи инкишоф, балки дунбули инкишоф номид, яъне ин меваҳо ҳам акнун пухта мерасанд». Ин аст қонуни инкишофи умумии инсон ва рушди тафаккур, ки дар



ҳамаи зинаҳои таълиму тарбия аз омӯзгор ташкил ва бароҳандозии фаъолияти фикрии аз ҷиҳати илмӣ асосманд ва дурусти донишомӯзонро тақозо мекунад. Ин қонун ё талабот, қабл аз ҳама, ба омӯзгор нигаронида шуда, ҷавобгӯйи хостаҳои боисрори Президенти мамлакат оид ба беҳбуди сифати таълим ва донишҳои андӯхтаи насли нав мебошад: *«Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато кардан надорад, зеро тақдири насли ояндасоз ва пешбарандаи давлату ҷомеа дар дасти ӯст».*

Ташкил ва роҳандозии фаъолияти фикрии хонандагону донишҷӯён дар раванди омӯзиш мақсаду вазифаи меҳварӣ буда, бояд ҳамчун «хати сурх» аз миёни фаъолияти чи омӯзгор ва тавассути фаъолияти омӯзгор, чи донишомӯз гузарад. Бароҳандозии амалии фаъолияти фикрии донишомӯзон масъалаи чандон мураккаб нест. Чӣ тавре ки пештар таъкид кардем, омӯзгорро мебояд, ки дар ҳар дарсу машғулиятҳои таълимӣ самти фаъолияти фикрии донишомӯзонро аз мушоҳидаи одии ашё ва асрори олам сар карда, то ба таҳлилу маънидоди онҳо расонад. Чунин ташкили фаъолияти фикрӣ дар ҳамаи зинаҳои таълим, қатъи назар аз фанни таълимӣ, мувофиқи имконоти синнусолӣ, иқтидори эҳтимолии зеҳнию фикрӣ, мураккабшавии мазмун, мақсаду вазифаҳои таҳсилот аз омӯзгор масъалагузорӣ ва супоришҳои мураккабтар ва бо заҳмати шадидтари фикрӣ иҷрошавандаро тақозо мекунанд. Риояи чунин тартиби ташкили фаъолияти фикрӣ аз ташаккули фикри бедор то ташаккули фикри эҷодии донишомӯзон мусоидат мекунад ва омӯзгор дар ин росто, бояд рушди муназзами фикрро мақсади асосӣ ва пешбарандаи шогирдон эълом намояд. Ин аст роҳ ва тадбири муътамади ба даст овардани сифати таълим ва сифати донишҳои андухтаи чи хонандагони мактаб ва чӣ донишҷӯёни муассисоти таҳсилоти миёна ва олии касбӣ.

Вазифаҳои рушди тафаккур аз инҳо иборат аст:

1. Аз худ кардан, коркард ва истифодаи донишҳо дар амал, зеро ба фармудаи Бадриддин Ҳилолӣ:

*Илмат ба амал чу ёр гардад,*
*Қадри ту яке ҳазор гардад.*
*Илме, ки дар ӯ амал набошад,*
*Чуз арбадаву ҷадал набошад.*

Донишҳои мукаммал инъикосгари симои олам, ҳодисоту воқеоти он, мантиқӣ (бе ихтилофи аслият), санҷидашаванда (исботшаванда) ва воқеӣ мебошад. Донистан, аз асрори олам огоҳ будан, шинохти табиат ва худогоҳӣ ба донишомӯз раҳнамо буда, ӯро ба фатҳи куллаҳои баландтари илму дониш раҳнамун месозад, ки ин сарчашмаи хушбахтии инсон ва неруи созандаи ӯст.

2. Инкишофи мантиқ қобилияти дар тафаккур муҳокимаҳо, қарору хулосаҳо ва дар амалҳои худ бомақсад муттасил ва муътамад буданро дар назар дорад. Ба хотири расидан ба мақсадҳои худ, бартараф кардани бемантиқӣ маънои бартарафсозии ихтилофот ва хатоҳои шуурро дорад.

**Рушди бемайлони тафаккурро чунин омилҳо таъмин мекунанд:**

1. Раванди маърифат – аз худ кардани илму донишҳо (дарс, машғулият, тамрин, фаъолияти мустақилона, эҷодӣ, китоб, муошират, сарчашмаҳои ахбор ва монанди онҳо).

2. Андеша (фикр кардан) ва таҳлил-мушоҳида, муқоиса, ёфтани монандӣ, фарқият, хулоса кардан, дарёфт ва қабули қарори дуруст.

3. Ҳаёт-натиҷаи фаъолият ва амале, ки давоми мантиқии фикри инсон буда, маҳз ҳаёт ва дониш фаъолияти фикрии инсонро муайян мекунад. Чӣ тавре ки аҳкоми авестоӣ фармудааст: «пиндори нек, кирдори нек, гуфтори нек», яъне «пиндори нек» (фикри нек)



роҳнамои зиндагии инсон аст.

Рушди фикр на танҳо дар машғулиятҳои маъмули таълимӣ ва тарбиявӣ, балки дар раванди фаъолияти рӯзмарраи инфиродӣ ва мустақилона низ ба амал меояд. Дар ин гуна шароит донишомӯзон имконияти бештари «кашф» карданро пайдо мекунанд ва омӯзгор нақши «мушкилкушо» не, балки нақши иштирокдори «кашфиёти» шогирдонро мебозад, ӯ роҳи ҳалли масъала ё мушкилотро нишон намедиҳад, балки созмондиҳандаи ҷустуҷӯйи мустақилонаи роҳи ҳалли масъала буда, раванди фаъолияти фикрии шогирдонро дастгирӣ мекунад.

**Мақсадҳои рушди тафаккур инҳоянд:**

1. Аз бедории фикр то ба фикри эҷодӣ расондани донишомӯзон дар ҳамаи дарсу машғулиятҳои таълимӣ аз муассисоти томактабӣ то муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ.

2. Расидан ба рушди тафаккур аз тариқи фаъолиятҳои одитарини мушоҳидаи ашё то таҳлилу «кашфи» равобити миёни ҳодисоту воқеоти олам ва аҳамияти онҳо дар ҳаёт.

3. Маънидоди хатмии ҳадафҳои маводи омӯхташаванда: порчаҳои шеърӣ, матнҳои бадеӣ, шарти масъалаҳои фанҳои табиӣ ва дақиқ, фикр карда хондан, навиштан, гуфтан, исбот кардан ва баръакс.

4. Муқоисаи моҳияти хаёл ба фикри илмӣ, тахаюл, ба фикри эҷодӣ («кашфиёти хаёлӣ ба кашфиёти воқеӣ») дар синфҳои боло ва давраи донишҷӯӣ.

5. Андеша ва ёфтани сабабҳои дастовард ва бебарориҳои одамон, роҳҳоиислоҳи нокомиҳо.

6. Муқоисаи некӣ ба бадӣ, нафъу зарари онҳо.

7. Силсилаи озмунҳо: «Фикр-неру ва калиди мушкилкушои ҳаёт», «Фикри эҷодӣ ва ихтирооти асбобу дастгоҳҳои техникӣ», «Кашфи асрори табиат», «Мантиқ-калиди ҳалли муаммо» ва монанди инҳо.

## ХУЛОСА

Дар ҷамъбасти ақидаҳои фавқ бояд таъкид кард, ки тафаккур бо зеҳн мантиқан ва амалан муттакои якдигаранд. Фикр тавассути фаъолияти худ аз бедории фикрӣ то ба эҷодӣ рушд карда, ҳарчи бештар донишҳоро аз худ мекунад ва тадриҷан онҳоро ба ихтиёри зеҳн месупорад. Зеҳн онҳоро тавассути қобилияти истифодабарӣ дар хотир устувор месозад ва донишҳои устуворшуда фикрро неру мебахшанд, яъне тафаккури рушду ташаккулёфта рукни эҷодӣ ва неруи истифодаи қобилиятҳои иштирокдорони раванди педагогӣ буда, донишомӯз дар ин раванд арзишҳои зеҳнӣ ва фикриро азхуд карда, қобилияту истеъдодҳои фардии худро ривоҷ медиҳад, неру ва иқтидори табиии шуурро пурра ба кор меандозад ва ба раванди рушду такмили зеҳну тафаккури худ бошуурона ва фаъолона ширкат меварзад, яъне ба «худсозӣ» шуруъ мекунад.

Масъулини соҳаи маориф, бахусус, омӯзгорон бояд рушди тафаккурро аз мавқеи фавқуззикр ба таври назариявӣ ва амалӣ шиносанд ва роҳандозӣ намоянд, донанд, ки иқтидори эҳтимолии зеҳн ва фикр ҳамчун неруи муҳаррик ва пешбарандаи рушду ташаккули шахсият дастгоҳи азхудкунии донишҳо, қобилияти бакорандозии онҳо, нерубахши шуур, таҳкимбахши хотир ва ниҳоят, пешбарандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.



## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 20.04.2006.
2. Гершунский Б. С. Философия образования. - М «Флинта», 1996. – 126 с.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 26.12.2018.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 23.01.2015.
5. Виготский Л. С. Тафаккур ва нутқ. – М.: «Лабиринт», 1999. – 352 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: «Совестская Энсиклопедия», 1969. – С. 432.
7. Лутфуллозода М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. - Душанбе, 2015. – С. 128.

Ба матбаа 06.04.2022 супорида шуд.
Ба чоп 08.04.2022 имзо шуд. Андоза 60x84 $^{1}/_{16}$.
Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ.
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 1.
Адади нашр 500. Супориши №9.

Муҳаррири техникӣ: **Рустам Ҳайдаров**

*Дар ҶДММ «Таъминот -55» чоп шудааст.*



***Шарифзода Файзулло*** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон. Бештар аз 250 асар ва мақолаҳои илмӣ - педагогӣ аз ҷумла, 9 монография таълиф ва ба чоп расонидааст: «Таълими ҳамгиро – асоси инкишоф ва тарбия», «Назария ва амалияи таълими ҳамгиро дар марҳилаи ибтидоии мактаби миёна», «Таълими ҳамгиро: проблема, таҳқиқ ва андешаҳо» (иборат аз 2 китоб), «Ҳакими маърифат», «Масъалаҳои мубрами педагогикаи муосир» (иборат аз ду китоб), «Муаллим – офарандаи накуӣ ва пешравиҳо», «Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ», «Педагогикаи ҳамгиро», «Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим», «Педагогикаи қарни XX1», «Актуальные проблемы современной педагогики» (иборат аз ду китоб).

Ҳаммуаллифи китобҳои «Педагогика» (барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисос), «Педагогикаи ибтикорӣ», «Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2», «Дурнамои рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Муаллим – офарандаи накуӣ ва пешравиҳо», «Ҳикмати афкори педагогии ниёгон», «Очеркҳои афкори педагогии ниёгон», «Педагогикаи умумӣ ва касбӣ», «Дар талоши накуӣ», «Хонаводаи солим» ва китобҳои дарсии «Алифбо», «Забони модарӣ» (барои синфи 2), «Одобнома» (барои синфҳои 5-6) мебошад.

Тахти роҳбарии академик Файзулло Шарифзода 56 нафар аспирант ва унвонҷӯён рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ кардаанд.

Шарифзода Файзулло барои хизматҳои шоён дар соҳаи маориф ба унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» мушарраф шудааст.